*Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ш. Душанбе, кучаи Нахимов 64/14)*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи номзадии Зарифзода Зоир Кулмаҳмад дар мавзӯи «Ташаккули бозори минтақавии озуқаворӣ (Дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва худудӣ**

Таъмини ҳифзи амнияти озуқаворӣ вазифаи муҳими иҷтимоию иқтисодӣ буда, ҳалли он дар ҷумҳурӣ аҳамияти муҳим дорад. Самти муҳими таъмини ҳифзи амнияти озуқаворӣ ин рушди комплекси агросаноатӣ буда, дар асоси амалӣ намудани натиҷаҳои бадастомадаи илмӣ ва технологияи муосир ва баланд бардоштани маҳсулнокии замин ва ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ ба даст оварда мешавад. Амнияти озуқаворӣ яке аз самтҳои асосии таъмини амнияти иқтисодӣ миллии кишвар дар дарозмуддат, омили ҳифзи давлатдорӣ ва соҳибихтиёрии он, ҷузъи муҳими сиёсати иҷтимоию иқтисодӣ, инчунин шарти зарурии татбиқи ҳадафҳои стратегии миллии давлат баҳисоб меравад. Зикр кардан ба марид аст, ки самаранокии механизми танзим дар таъмини аҳолӣ бо воридоти пай дар пайи маводи озуқа ба миқдори кофӣ, пешгирӣ намудани бухрони озуқаворӣ асосан аз ҳисоби истеҳсоли ватании маҳсулоти кишоварзӣ, ашёи хом ва озуқаворӣ аҳаммияти мақсадноки стратегӣ дорад, зеро аз татбиқи ҳадафҳои гузошташуда на танҳо амнияти озуқаворӣ, балки амнияти миллӣ низ вобаста аст.

Бинобар ин унвонҷӯ др таҳқиқоти анҷомдодаи худ чунин такид намудааст, ки қазияҳои таъмини рушди устувори мамлакат, таъмини шароити мусоид барои истифодабарии потенсиалии захиравию – табиӣ ҷумҳуриро дар бар мегирад, ки таъмини мутавозини тшаккул ва рушди шаклҳои нави моликият ва хоҷагидориро бо мақсади баланд

бардоштани самаранокии комплекси аграсаноатӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардумро таъмин менамояд. Махсусан дар шароити глобализатсияи иқтисодиёт ва сурати афзоиши аҳолӣ афзалияти бебаҳс ин таъмини бехатарии озуқаворӣ дар минтақаҳои мамлакат мебошад.

Вобаста ба ин, қайд кардан зарур аст, ки дар шароити имрӯза мавзуи интихоб гардида бо назардошти талаботҳои замони муосир аз якчанд нуқтаи назар зарури ва актуалӣ мебошад. Ҳамзамон дар таҳия, татбиқ ва коркардҳои анҷомгардида дида мешаваду, автореферати диссертатсия моҳияти илмии ҷараёни таҳқиқотро бо назардошти таҳлили нишондиҳандаҳои муҳими бозори озуқавориро пурра инъикос намудааст.

Унвонҷӯ дар рисолаи илмии худ чунин такид намудааст, ки таъмини озуқавории аҳолӣ масъалаи аграрию истеҳсолӣ ва ҳам иҷтимоию иқтисодӣ баҳисоб рафта, аз як тараф таъмини озуқаворӣ ба ҳама ҷиҳатҳои иқтисод ва сиёсати иҷтимоӣ, сатҳи зист дахл дорад, аз тарафи дигар он омили рушди онҳо мебошад, чунки ба ташаккули тақозои бозории як қатор соҳаҳо таъсир расонида манфиати иқтисодӣ ва фаъолияти аҳолиро муайян мекунад.

Дар шароити имрӯза мавзуи интихобнамудаи унвонҷӯ дорои муҳимияти илмӣ буда, дар он пайдарпайии натиҷаҳои таҳқиқот риоя гардидааст. Таҳлилҳои нуқтаи назари олимон оид ба мавзуъ ба талабот ҷавобгӯ буда моҳияти илмиро инъикос менамояд. Ҳамчунин дар автореферати мазкур як қатор таҳлилҳои дар шакли нақша, диограма, расмҳо ва ҷадвалҳо аз тарафи муаллиф роҳандозӣ гардидааст, ки мукаммалии ҷараёни таҳқиқи илмиро нишон медиҳад.

Ҳамчунин дар шароити имрӯза таҳлилу пешниҳодҳои анҷомгардида дар масъалаҳои актуалии бозори озуқаворӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ зарур мебошад.

Бо назардошти муваффақиятҳо дар автореферат баъзе норасоиҳо мавҷуд аст, ки ба инобат гирифтани онҳо ба арзишмандии таҳқиқотҳоиояндаи муаллифи он таъсири мусбӣ мерасонанд:

1.Дар автореферат вобаста ба мушкилотҳои имрӯзаи таъмини амнияти озуқаворӣ ва вобаста ба он дархосту пешниҳодҳои худро мушаххас менамуд.

2.Таъмини устувории суботи бозори озуқавориро дар алоҳидагӣ бояд таҳқиқ менамуд.

Камбудиҳои мазкур ба мазмун ва мундариҷаи автореферат таъсири манфӣ намерасонанд, зеро натиҷаҳои илмӣ ва навгониҳои бадастомада аз аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти илмӣ шаҳодат медиҳанд.

Аз баррасии автореферат бармеояд, ки диссертатсияи номзадии Зарифзода Зоир Кулмаҳмад дар мавзӯи «Ташаккули бозори минтақавии озуқаворӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва худудӣ ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси номбурда мебошад.

**Муқаррizi расмӣ**
**Доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,**
**мудири кафедраи назарияи иқтисодии**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Комилов А. Қ.**

Имзои **Комилов А.Қ.**-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.

03.07.2024

*Суроға:*
*734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,*
*ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 17,*
*Тел: (992) 554440770*
*E-mail: info.tnu@mail.ru*